# ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ОЗОДОНА ВА ФАРОВОН ЗИНДАГӢ КУНЕМ!


Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجيك

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

18 августи соли 2021. Чоршанбе

№ 64 (14765)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МИҚДОРИ МУЗДИ МЕҲНАТ, НАФАҚА, СТИПЕНДИЯ ВА КЎМАКПУЛИҲО

Бо мақсади васеъ намудани миқёси тадбирҳое, ки ба беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ, боз ҳам пурзўр намудани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва дастгирии моддии оилаҳои ниёзманд дар давраи пандемияи коронавирус нигаронда шудааст ва пай дар пай зиёд кардани даромади онҳо:

1. **Аз 1 сентябри соли 2021** миқдори музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия ва кўмакпулиҳо **1,1 баробар** зиёд карда шавад.

2. Аз 1 сентябри соли 2021 дар қаламрави Ҷумҳурии Ўзбекистон:

миқдори ҳадди ақалли музди меҳнат — **моҳе 822 000 сўм**;

ҳаҷми ҳадди аксари базавӣ — **моҳе 270 000 сўм**;

ҳадди аксари пардохти нафақаи базавӣ – **моҳе 289 000 сўм**;

андозаи нафақа бинобар синну сол — **моҳе 565 000 сўм**;

ҳаҷми кўмакпулӣ барои кўдакони ногиро – **моҳе 622 000 сўм**;

андозаи кўмакпулӣ барои пиронсолон ва шаҳрвандони ғайри қобили меҳнат, ки собиқаи кории зарурӣ надоранд — **моҳе 440 000 сўм**;

ҳаҷми ҳадди ақалли нафақа бинобар собиқаи кории нопурра бо назардошти пардохтҳои иловагӣ - **моҳе 440 000 сўм**;

ҳаҷми нафақа бинобар синну сол ва барои шахсони ногиро, ки нафақа мегиранд, ба андозаи аз ҳадди ақалли нафақаи бинобар синну сол муқарраргардида то 623 000 сўм мегиранд — **моҳе 623 000 сўм**;

ҳаҷми нафақае, ки шомили иловапулӣ аст, аз ҷумла иловапулӣ барои маъюбон ва собиқадорони ҷанги солҳои 1941-1945, инчунин маҳбусони собиқи ноболиғ дар концлагерҳои фашистӣ ва шахсоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград кор кардаанд — **моҳе 2 750 000 сўм**;

ҳадди ақалли нафақа барои як нафар узви маъюби оилаи ғайри қобили меҳнати гирандаи нафақа бинобар аз даст додани саробон — **моҳе 440 000 сўм** бо пардохти нафақа ба ҳар як аъзои ғайри қобили меҳнати оилаи навбатӣ тибқи тартиби ҷорӣ;

ҳаҷми кўмакпулӣ барои як нафар узви оилаи ғайри қобили меҳнат, ки бинобар аз даст додани саробон нафақа мегирад — **моҳе 440 000 сўм** ва илова ба ҳар як аъзои дигари ғайри қобили меҳнати чунин оилаҳо **165 000 сўмӣ**.

3. Хароҷоти вобаста ба афзоиши музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия ва кўмакпулиҳо **аз ҳисоби маблағи Буҷети давлатӣ ва Фонди ғайрибуҷети нафақавии Вазорати молия пардохт карда шаванд**.

Ба корфармоён тавсия дода шавад, ки миқдори музди меҳнатро мувофиқи ҳадди ақалли музди меҳнат зиёд карда, таъмини пардохти музди меҳнатро дар ҳаҷми на камтар аз андозаи ҳадди ақалле, ки ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ муқаррар намудаанд, ба амал оранд.

4. Вазорати молия, Агентии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Ширкати миллии телерадиои Ўзбекистон, Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ корро дар **бобати васеъ равшан намудани мақсаду вазифаҳои Фармони мазкур ва натиҷаҳое, ки аз он интизорӣ меравад, дар воситаҳои ахбори оммавӣ, Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ** ташкил намоянд.

5. Аз 1 сентябри соли 2021 тағйирот ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замима ворид карда шавад.

6. Вазорати молия якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар давоми ду моҳ ба Девони Вазирон оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, ки аз ин Фармон бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

7. Ба зиммаи вазири молия **Ишметов Т.А.** масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Муҳокимаи иҷрои Фармони мазкур ба амал татбиқ намудани ҳамоҳангсозӣ ва назорати фаъолияти ташкилотҳои масъули иҷрои он ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон **Ҷ.А. Кўчқоров** гузошта шавад.

Дар бораи самарбахшии чорабиниҳои татбиқгарданда ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон то 1 **ноябри соли 2021** маълумот дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*17 августи соли 2021.*

## СЕМИНАР-ТРЕНИНГ ОИД БА РАВШАН НАМУДАНИ ҶАРАЁНИ ИНТИХОБОТ

24 OKTABR 2021-YIL O'ZBEKISTON PREZIDENTI SAYLOVI

***Дар шаффоф гузаронидан ва хушсифату тезкорона дар воситаҳои ахбори оммавӣ равшан намудани ҷараёни муҳими сиёсӣ — интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки 24 октябр дар саросари кишварамон сурат мегирад, нақши рўзноманигорон беқиёс аст.***

Қайд кардан ҷоиз аст, Комиссияи марказии интихоботӣ ба ҳамкории тарафайн бо воситаҳои ахбори оммавӣ, масъалаҳои таъмин намудани манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои иштирокдорони ҷараёни интихобот эътибори калон медиҳад. Аккредитатсияи журналистон бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии фаъолияташон дар давраи интихобот идома дорад.

Ҳоло ба Комиссияи марказии интихобот аз аксари воситаҳои ахбори оммавӣ барои гирифтани аккредитатсия аризаҳо ворид мешаванд. То имрўз зиёда аз 700 намояндаи ВАО аккредитатсия шудаанд.

Дар робита ба ин, такмили маҳорати рўзноманигорон барои инъикоси холисона ва самарабахши ҷараёни интихобот аҳамияти муҳим дорад. Бо ин мақсад, маркази матбуоти Комиссияи марказии интихоботӣ барои кормандони Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон семинар-тренинги дурўзаро таҳти мавзўи «Пурсамар равшан намудани ҷараёни интихобот ба воситаи ВАО» ташкил намуд.

Дар семинар-тренинг зиёда аз 150 ходими Ширкати миллии телевизиону радиои Ўзбекистон иштирок карданд. Аз ҷумла, барои рўзноманигорони ҳудудии ШМТР имконияти пайвастан ба воситаи платформаи ZOOM фароҳам оварда шуд.

Мақсади баргузории чорабинӣ мусоидат ба инъикоси босифат ва васеи интихоботи қарибулвуқўъи президентӣ дар ШМТР — маҷмўи асосии шабакаҳои телевизион ва радиои кишвар мебошад.

Дар ҷараёни омўзиш дар бораи тағйироти ба қонунгузории интихобот воридкардашуда ва хусусияти ба худ хоси интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, ҳуқуқу ўҳдадориҳои ВАО дар давраи маъракаи интихобот, тартиби пеш бурдани тарғиботи пешазинтихоботии номзадҳо дар давраи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон маърўзаҳо хонда шуданд.

Семинар-тренинг аз ҷониби аъзои Комиссияи марказии интихобот, профессорону омўзгорони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд гузаронида шуд.

Маркази матбуоти Комиссияи марказии интихобот ба рўзноманигорон, ки мехоҳанд дар семинар-тренингҳо ширкат кунанд, оид ба пайи ҳам равшан намудани ҷараёни интихобот хонишҳо ташкил мекунад.

**Нурулло НАСРИЕВ, мухбири ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ОЛМОН МАСЪАЛАҲОИ МУҲИМИ РЎЗНОМАИ МИНТАҚАВИРО МУҲОКИМА КАРДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 17 август бо Президенти Ҷумҳурии Федеративии Омон Франк-Вальтер Штайнмайер мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Олмон баррасӣ гардида, ҷанбаҳои муҳимтарини ҳамкории минтақавӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Ба ҷараёни вазъият дар Афғонистон диққати махсус дода шуд. Таъкид шуд, ки авҷ гирифтани танишҳои ҳарбию сиёсӣ дар ин кишвар метавонад ба вазъи амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ таъсири манфӣ расонад.

Дар бораи ҳамоҳангсозии наздики кўшишҳои муштарак ҷиҳати мусоидат ба ҳалли осоиштаи мушкилоти Афғонистон ва нигоҳ доштани машваратҳои мунтазами сиёсӣ оид ба вазъи минтақа созиш ба даст омад.

Ҳамкорӣ дар бобати масъалаҳои эвакуатсияи шаҳрвандони Олмон аз Афғонистон низ идома хоҳад ёфт.

**ЎзА.**



*ҶММ «Dong stone progress»-и ноҳияи Иштиҳони вилояти Самарқанд соли 2020 бо ҷалб намудани инвеститсияи хориҷӣ фаъолияти худро оғоз намуд. Корхонаи мазкур ба кофта гирифтани санги мармари табиӣ шуғл варзида, дар он 30 нафар коргар меҳнат мекунанд. Лоиҳае, ки аз ҷониби инвесторони Чин ба амал баровaрда мешавад, қимати умумиаш 4 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Корхона соле қуввати кофта гирифтани 10 ҳазор мукааб санги мармарро доро аст.*

*Имрўзҳо инвесторон ба мақсади васеъ намудани истеҳсолот барои ба амал баровардани зинаи дуюми лоиҳа мекўшанд. Мувофиқи он корхонаи муштараки «Samarkand stone Trade Corporation», ки ба аз нав коркарди санги табиӣ ихтисосонида шуда, бояд 50 намуди маҳсулот истеҳсол кунад, дар назар дошта шудааст. Баробари ба фаъолият шурўъ намудани ин корхона боз барои 100 нафар ҷойи кор муҳайё мегардад. 70-80 фоизи маҳсулоти корхона ба содир кардан пешбинӣ шудааст.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «Dong stone progress»-и ноҳияи Иштиҳони вилояти Самарқанд.*

***Аксбардор: Алишер ИСМОИЛОВ (ЎзА).***

*«Андозситон – ёвари соҳибкор»*

## МО – МАДАДГОРИ ТАДБИРКОР

Дар мамлакати мо дар натиҷаи ислоҳоти пай дар пай мазмун ва мундариҷаи корҳо, бо назардошти манфиатҳои давлат ва халқ, куллан тағйир меёбанд. Аз ҷумла, соҳаи андози давлатӣ низ ҳоло ба ёрирасон ва мададгори бeминнати субъектҳои соҳибкорӣ табдил меёбад. Бинобар Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 30 октябри соли 2020 (ФП 6098) «Дар бораи чораҳои ташкилии маҳдуд намудани иқтисодиёти пинҳонӣ ва зиёдтар намудани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз» дар таркиби «Шўъбаи хидматрасонӣ ба шахсҳои юридикӣ» созмон ёфтани бахши «Дастгирии соҳибкорӣ» дар ин бора аҳамияти ҷудогона дорад. Аз ҷумла, мо кормандони ин бахш баҳри дароз кардани дасти ёрӣ ба соҳибкорон чораю тадбирҳои зарурӣ меандешем. Лозим омад, ки дар давоми шаш моҳи сипаришудаи соли ҷорӣ бобати интихоб намудани тартиби андозсупорӣ вобаста ба намуди фаъолияти субъектҳои соҳибкории навташкил, омўхтани омодасозии ҳисоботу ҳисоботсупорӣ ва пардохти андоз, хабардоркунӣ аз имтиёзҳои дар амалбуда ва тартиби истифодабарӣ аз онҳо, инчунин, кўмакрасонӣ ба пайдо кардани ҳамкорони тиҷоратӣ ва ғайра кўмак расонем. Дар ин давра аз тарафи кормандони инспексияи давлатии андози ноҳияамон фаъолияти 1134-то субъектҳои соҳибкорӣ омўхта шуд ва маълум гардид, ки дар 1126-тои онҳо масъалаҳо ҷой доранд.891-то мушкилоти бо органҳои андоз дахлдор дар ҷояш ҳаллу фасл гардид. Ҳамин тариқа, ба бартарафсозии дигар масъалаҳо, аз қабили пешбурди кори бухгалтерӣ,тарзи пардохти қарзи андоз, интихоби тартиби андозсупорӣ, тартиби истифодабарӣ аз имтиёзҳо ва ғайра кўмак расонда шуд. Аз ҷумла, бобати гирифтани 7972,1 сўм кредити имтиёзнок аз бонкҳои тиҷоратӣ ба 45-то субъектҳои хоҷагидорӣ мададгор гардидем.

Хулоса, дастгирии соҳибкорони эҳтиёҷманд, ҳал намудани масъалаҳои онҳо, дар натиҷаи ин ҳосил намудани ҷойҳои нави корӣ ва ноилшавӣ ба зиёдтар гардондани пардохти андоз мақсади асосии мост.

**Мақсуд ИМОМОВ, сардори шуъбаи дастгирии соҳибкории Инспексияи давлатии андози ноҳияи Шофиркон.**

Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

## ДАР БОРАИ ҶОРАҲОИ РАСОНИДАНИ КЎМАКИ МОДДӢ БА ОИЛАҲОИ КАМДАРОМАД ВА МИНБАЪД ВАСЕЪ ГАРДОНДАНИ МИҚЁСИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КАМБИЗОАТӢ

Бо мақсади равона кардани низоми пардохти кўмакпулиҳо барои рушди нерўи кўдакон ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи баланд бардоштани самаранокии низоми дастгирии оилаҳое, ки кўдаконро тарбия мекунанд, пурзўр гардондани таъминоти моддии оилаҳои ниёзманд ба ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирӣ, ҷорӣ кардани стандартҳои эътирофшудаи байналмилалӣ ва механизмҳои автоматикунонидашудаи шаффофи электронии арзёбӣ ҳангоми муайян кардани оилаҳои ниёзманд:

1. Тартибе ҷорӣ карда шавад, ки тибқи он **аз 1 сентябри соли 2021:**

а) **кўмакпулӣ барои кўдакони оилаҳои камбизоат** (минбаъд — кўмакпулӣ барои кўдакон) ба ҷойи кўмакпулӣ ба оилаҳои кўдакони то 14-сола дошта ва кўмакпулӣ барои нигоҳубини кўдак то расидан ба ду солагӣ ҷорӣ карда мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми таъин кардани кўмакпулӣ барои кўдакон:

**синну соли ба назар гирифташавандаи кўдакон аз 14 то 18-сола зиёд карда мешавад;**

**мўҳлати пардохт аз 6 моҳ то 12 моҳ зиёд карда мешавад;**

тартиби муайян кардани андозаи он бо назардошти шумораи кўдакон дар оила татбиқ карда мешавад;

б) кўмаки моддӣ **ба шаҳрвандони танҳо**, оилаҳои **бефарзанд** ё оилаҳои камбизоат, ки фарзандонашон аз 18 боло аст, таъин карда мешавад.

2. **Аз 1 сентябри соли 2021** ҳаҷми зерини кўмакпулӣ барои кўдакон ва пардохти кўмаки моддӣ ба оилаҳои камбизоат муқаррар карда шавад:

а) миқдори ҳармоҳаи кўмакпулӣ барои кўдакон:

**250 000 сўм** — барои як кўдаки аз 3 то 18-сола, **325 000 сўм** — барои як кўдаки хурдтарини то 3-сола;

**150 000 сўм** — ба таври илова барои фарзанди дуюми оила;

**100 000 сўм** — ба кўдаки сеюм ва ҳар як кўдаки минбаъдаи оила;

б) миқдори ҳармоҳаи кўмаки моддӣ барои оилаҳои камбизоат — **380 000 сўм**.

Ҳамзамон, то ба охир расидани мўҳлати пардохти кўмакпулӣ барои оилаҳои кўдакони то 14-сола дошта, кўмакпулӣ барои нигоҳубини кўдак то ду солагӣ ва ёрии моддӣ ба оилаҳои камбизоат, ки то 1 сентябри соли 2021 таъин карда шудаанд, **ҳаҷм ва мўҳлати пардохти кўмакпулиҳои намуди мазкур ва кўмаки моддӣ нигоҳ дошта мешаванд**.

3. Вазорати молия **ҷиҳати маблағгузории ин чорабиниҳо дар соли 2021** бо дарназардошти ба ҳисоби миёнаи ба 20 фоиз зиёд шудани шумораи оилаҳои камбизоате, ки то охири соли 2021 кўмакпулии бачагона ва ёрии моддӣ мегиранд, **аз буҷет маблағҳои иловагӣ ҷудо кунад**, инчунин хароҷоти марбут ба иҷрои Фармони мазкурро ҳангоми ташаккул додани **параметрҳои Буҷети давлатӣ барои соли 2022** пешбинӣ намояд.

4. Тартибе муқаррар карда шавад, ки тибқи он аз **1 октябри соли 2021** маълумот дар бораи оилаҳо ва ашхоси камбизоат эътирофшуда тавассути системаи иттилоотии «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» ба вазорату идораҳои манфиатдор ба воситаи **платформаи интегратсионии байниидоравии системаи «Ҳукумати электронӣ»** тақдим карда шавад.

Вазорати молия (Т. Ишметов) якҷоя бо Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия (Ш. Содиқов) пешниҳоди маълумотро дар бораи оилаҳо ва шахсони камтаъмин эътирофшуда ба вазорату идораҳо тавассути платформаи ҳамгиройи байниидоравии системаи «Ҳукумати электронӣ» ба пойгоҳи маълумотҳои низоми «Феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ», инчунин самарабахш амалӣ намудани мубодилаи маълумот таъмин намоянд.

5. Вазорати молия (Т. Ишметов) якҷоя бо Вазорати рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ (И. Норқулов), Вазорати дастгирии маҳалла ва оила (Р. Маматов), Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатӣ (Н. Хусанов) то 20 августи соли 2021 лоиҳаи қарорҳои ҳукуматро, ки тартиби зеринро пешбинӣ мекунанд, ба Девони Вазирон тақдим намояд:

таъин кардан ва пардохти ёрдампулӣ ба оилаҳои камбизоати фарзанддор, инчунин кўмаки моддӣ ба оилаҳои камбизоат;

ҳисоб кардани арзиши хароҷоти ҳадди ақалли истеъмолӣ.

6. Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисодӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ, Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ **корҳоро оид ба васеъ равшан намудани мақсад ва вазифаи Фармони мазкур ва натиҷаҳое, ки аз онҳо ҳосил мешаванд, дар воситаҳои ахбори оммавӣ, шабакаи Интернет ташкил намоянд**.

7. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замимаи №1 тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

8. Баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ўзбекистон тибқи замимаи № 2 беэътибор дониста шаванд.

9. Вазорати молия дар давоми як моҳ ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз ин Фармон бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

10. Ба зиммаи вазири молия **Т.А. Ишметов** ва муовини аввали вазири рушди иқтисод ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ **И.И. Норқулов** масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои Фармон, амалӣ намудани мутобиқат ва назорати фаъолияти ташкилот-иҷрогарони масъул ба зиммаи ҷонишини Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон **Ҷ.А. Кўчқоров** гузошта шавад.

Дар бораи самарабахшии чорабиниҳои татбиқшаванда Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон то **1 ноябри соли 2021** ва то **1 апрели соли 2022** хабардор карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*11 августи соли 2021*

*Қарор ва иҷро*

# БАРАКОТ ДАР САРФАКОРИСТ

Чанд сол қабл аснои сафар ба вилоятҳои Ҷиззах ва Навоӣ ва сайр дар кӯчаҳои деҳот воқеъ дар кӯҳистон дар бому бомгӯшаи қисмате аз хонадонҳо деворaҳои аз офтоб энергиягирандаро мушоҳида карда будем. Деҳа ба энергияи барқ пурра таъмин. Пас зарурат чист, ки мардуми деҳот, ба душвориҳои таъмини техникӣ дар шароити кӯҳсори дурдаст нигоҳ накарда, панелҳои махсусро дар манзилҳояшон устувор кардаанд?

Ба мо фаҳмонданд, ки офтоб, шамол, биогаз манбаъҳои муҳими азнавбарқароршаванда буда, имкон медиҳанд энергияи барқ хеле сарфа карда шавад.

Ҳаёти имрӯзаро бе барқ тасаввур кардан душвор. Нафақат баҳри рушд ва барқарории иқтисодии мамлакат, балки барои ҳар хонадон он чун обу ҳаво зарур. Як замонҳо барқ танҳо барои таъмини равшанӣ хидмат мекард. Имрӯз дар дурдасттарин нуқтаҳои аҳолинишин аз мошинҳои дарздӯзию либосшӯӣ, яхдону кондисионер ва амсоли инҳо муттасил истифода мекунанд, ки ин гуна асбобҳои техникӣ-маишӣ бе барқ кор намекунанд.

Тақрибан даҳ сол пештар нафақат дар деҳаҳои ҷудогона, балки қисмате аз шаҳрҳо чароғи электрикӣ хомӯш шуда меистод ё барқ дар муддати муайяни шабонарӯз фиристода мешуд, ки ин нороҳатии зиёд тавлид месохт. Мардум арзу шикоят менавишт, вале азбаски аз рӯи ноилоҷӣ ин ҳолат ба вуқӯъ мепайваст, шикоятҳо бенатиҷа мемонданд.

Ёд дорам, ин мавзуъ дар як нишасти матбуотӣ бо иштироки масъулони Вазорати энергетика низ мавриди гуфтугӯи ҷиддӣ қарор гарифта буд. Журналисте гуфт,чанде пеш дар Қӯқанд будем, аввали шаб электр хомӯш ва ҳама ҷо торикистон гардид. Гап дар хусуси бечароғии деҳоти дурдаст не, дар бораи зудзуд хомӯшшавии барқ дар яке аз шаҳрҳои ба назар намоёни ҷумҳурӣ меравад.

Сабаби ин ҳолат чист? Чаро дар давраи шӯравӣ ва солҳои аввали истиқлолият бечароғӣ муаммо набуд? Ҳатто қисмате аз ноҳияҳои наздисарҳадии ҷумҳуриҳои ҳамсояро Ӯзбекистон бо барқ таъмин мекард.

Пеш меравем ё қафо?

Ба ҳолатҳои ногуворе, ки дар таъмини знергияи барқ рӯй медиҳанд, масъулони вазорат иқрор шуданд. Ва фаҳмонданд, сабаби асосии ин гуна вазъ афзудани аҳолӣ, зиёд шудани талабот ва эҳтиёҷ ба неруи барқ аст. Ҳар қадар корхонаҳои истеҳсолӣ ба фаъолият сар кунанд, шаҳр ва деҳотамон доманфарох ва обод гарданд, ниёз ба барқ ҳамон қадар зиёдтар мешавад. Бо назардошти ҳамин вақтҳои охир якчанд истгоҳи истеҳсолкунандаи барқ сохта шуданд. Хусусан, барпои гидроэлектроистгоҳҳои хурд дар маҳалҳои ҷудогона босуръат идома доранд.

Ҷуз ин ба яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳаёт – сарфаи маҳсулоти нафту барқ эътибор пурзӯр ва дар ин самт ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо мерасанд. Умед аст солҳои наздик муаммои хомӯшшавии чароғ ва таъмини барқ куллан ҳаллу фасл гардад, гуфта буд намоянда аз идораи энергетикӣ дар фуроварди сухан.

Воқеан вақти зиёд нагузашта ин масъала то андозае ҳал гардид, шикоятҳо дар ин мавзӯъ қариб қатъ ёфтанд. Ин рӯзҳо хеле муътадилии вазъ дар маҳалҳоро равшан мушоҳида менамоем. Худо нахоста садама ё ҳолати ногаҳонӣ рӯй надиҳад, таъмини муттасили энергетикӣ идома меёбад. Зеро, дарк кардаем баногаҳ хомӯшшавии барқ — қатъшавии “ҳаёти техникист».

Самаранокии кор дар ин самт ба чӣ вобаста?

Якум, ба истифодаи оқилона аз манбаъҳои энергетикӣ. То имкон будан эҳтиёт ва сарфа кардани он. Истифодаи оқилона ва сарфакорӣ, зимнан, аз муҳимтарин омилҳои рентабелнокии истеҳсолӣ мебошад. Ақл ва идрокро ба кор андозем, ба амнияти энергетикӣ низ даст ёфта ва пеш меравем, ба ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолӣ ва тараққиёти кишвар муяссар мегардем.

Тӯли се-чаҳор соли охир оиди баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ дар нуқтаҳои иқтисодӣ, ҷорӣ сохтани технологияи сарфакунанда, истеҳсоли энергияи барқ аз манбаъҳои азнавбарқароршаванда як қатор чораю тадбирҳои зарурӣ ба амал бароварда шуданд.

10 июли соли 2020 қарори Президент “Дар бораи чораҳои иловагӣ доири коҳиш додани тобеӣ ба маҳсулоти сӯзишворӣ-энергетикӣ дар нуқтаҳои иқтисодиёт тавассути баланд бардоштани самаранокии энергетикии иқтисодӣ ва ҷалбсозии захираҳои мавҷуда” ба имзо расид. Дар ин ҳуҷҷат роҳҳои расидан ба натиҷаҳое, ки қайд кардем, аниқ муайян карда шудаанд.

Масъалаи ҷалб сохтани сармоягузорони хориҷӣ дар барпои истгоҳҳои энергияи офтоб ва шамол, ки то 1мВт нерӯ доранд, дида баромада шуд. Нархҳои аниқи харид муайян гаштанд. Баҳри ба амал баровардани нуктаҳое, ки дар қарор таъкид ёфтаанд, яъне татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи истифода аз манбаъҳои энергетикии барқароршаванда (ғайр аз гидроэлектростантсияҳо) баҳри аниқсозии потенсиали сармоягузорон савдоҳои музоядаи шаффоф рӯи кор омаданд. То ин вақт дар мамлакат, ҳарчанд аҳамияти ГЭС-ҳои хурд ба касе сир набуд,барои барпои онҳо ҳаракат зоҳир намешуд. Ҷалбсозии сармояҳои хусусиро ба ин масъала касе ба гӯшаи хотир намеовард. Акнун дар асоси қарори роҳбари давлат ҳамасола таҳти ҳамдастии масъулони идораю вазоратҳои дахлдор ва ҳокимиятҳои маҳаллӣ рӯйхати барпои ин гуна истгоҳҳо мураттаб гардонида ва сармоягузорон таклиф карда мешаванд.

Тавре мутахассисон аниқ кардаанд, дар ҳудудҳои дурдаст ба ивази барпои ГЭС-ҳои хурд ҳар сол 350 миллион киловатт соат истеҳсол кардани энергияи барқӣ, дар истгоҳҳои барқии гармдиҳанда сарфа кардани 100 миллион кубометр газ имконпазир мегардад.

Дар қарори зикршуда тӯли солҳои 2020-2022 оиди параметрҳои мақсадноки захираҳои сӯзишворӣ-энергетикӣ дар иқтисодиёт, сарфасозии захираҳои мавҷуда дар нуқтаҳои иқтисодӣ “харитаи роҳ” тасдиқ ёфтааст.

Назар ба маълумоти мутахассисони “Ӯзэнергоинспексия”, имрӯзҳо ҳар як хонадон имкон дорад бо истифодаи оқилона аз барқ соле ба ҳисоби миёна 400 кВт соат энергияи электрикро сарфа намояд. Агар ҳар як оила ин тавр сарфакорӣ созад, микдори нерӯи барқии сарфашуда дар ҷумҳурӣ 1,8 млрд кВт соатро ташкил карданаш мумкин. Агар ба 150 ҳазор хонадон панелҳои офтоб ва сохторҳои обгармкунанда устувор карда шаванд, соле 319 миллион куб гази табиӣ сарфа карда мешавад.

Самаранокӣ ва сарфакорӣ, бешубҳа, болу пари тараққиёт мебошанд. Бо ифодаи дигар, манбаъҳои энергияи барқароршаванда ҳар қадар васеъ мавриди истифода гарданд, таъмини энергияи барқ ва маҳсулоти нафту газ дар нуқтаҳи иқтисодӣ ва хонадонҳо осонтар мекӯчад.

Қарори дар боло қайдшудаи роҳбари давлати мо пурра татбиқи амалии худро ёбад, имконият фароҳам меояд чораҳои самаранокии энергетикӣ пурзӯр гашта, то миёнаҳои соли 2022 3,3 млрд кВт соат энергияи барқ,2,6 млрд кубометр гази табиӣ, 16, 5 ҳазор тонна маҳсулоти нафт сарфа карда шавад.

Тавре оқилон гуфтаанд, баракат дар сарфакорист.

**М. ШОДИЕВ,**
**шореҳи иқтисодии**
**“Овози тоҷик”.**




*Дар Клиникаи солимгардонии корхонаҳо, воқеъ дар шаҳри Қаршӣ, намоишгоҳи технологияҳои хурди истеҳсолии муосир дари худро боз намуд.*

*Дар чорабиние, ки бо ҳамкории ҳокимияти вилоят ва раёсати вилоятии палатаи савдою саноат созмон додаанд, беш аз 200 технологияҳои хурди 19 ширкати хориҷӣ ба маърази намоиш гузошта шуд.*

*Дар намоишгоҳ, ҳамчунин, оиди беш аз 100 навъи маҳсулоте, ки бояд дар 23 корхонаи саноатии ҳудудӣ ва 27 навъи маҳсулоте, ки барои эҳтиёҷи корхонаҳои низоми ҶС «Ӯзбекнефтегаз» истеҳсол карда шаванд, метавон маълумот гирифт.*

***Дар акс:** дар намоишгоҳ.*

***Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

**Қонуни нав**

# ТАРТИБИ НАВИ МАРБУТ БА ЛИТСЕНЗИЯДИҲӢ ОМИЛҲОИ КОРРУПСИОНИРО БАРТАРАФ МЕКУНАД

***Аз 15 июли соли равон Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи тартиби литсензиядиҳӣ, рухсатдиҳӣ ва хабардорсозӣ» эътибор пайдо кард.***

***Қонуне, ки Вазорати адлия дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ таҳия кардааст, ба фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоидтар барои субъектҳои соҳибкорӣ нигаронда шудааст. Ин шароит ва қулайиҳо аз чӣ иборатанд? Дар ин бора ба мухбири ӮзА муовини вазири адлия Алишер КАРИМОВ нақл кард.***

— Барои таҳияи ин қонун гурӯҳи кории махсус иборат аз мутахассисон ва коршиносони хориҷӣ таъсис дода шуда, раванди қабули қонун тақрибан ду сол тӯл кашид.

Қонуни нав ҳамаи ҳуҷҷатҳои қонунгузории ҷории куҳна ва парокандаи соҳаи иҷозатномадиҳӣ ва танзимро муттаҳид кард, тамоми қонунҳо ва ҳуҷҷатҳои зерқонунии мавҷудаи ин соҳаро бекор кард. Яъне, ба муносибати қабули қонун, ду қонун дар ин самт, ду қарори Президент, қарори Олий Маҷлис, инчунин тақрибан сад қарори ҳукумат беэътибор дониста шуданд.

Қонун рӯйхати ниҳоии 49 литсензия, 120 ҳуҷҷати иҷозатномадиҳӣ ва 33 огоҳиномаро тасдиқ кард. Намудҳои мавҷудаи литсензияҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатномадиҳӣ то 30 фоиз коҳиш дода шуданд.

Ҷанбаи дигари муҳими қонун он аст, ки он механизми комилан соддакардашудаи амалисозии фаъолиятро тавассути огоҳ кардани мақомоти салоҳиятдор ҷорӣ намуд, ки то имрӯз вуҷуд надошт.

Ин, дар навбати худ, барои субъектҳои соҳибкорӣ қулайиҳои зиёд фароҳам меорад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки бо огоҳ кардани мақомоти салоҳиятдор ба фаъолият оғоз кунанд. Аммо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки талабот ва шартҳои ба фаъолият татбиқшударо риоя кунанд.

Тартиботи литсензиядиҳӣ, додани иҷозат ва огоҳӣ пурра рақамӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат, раванди мазкур тавассути низоми иттилоотии «Литсензия» сурат мегирад.

Талабот барои филиалҳои шахсони ҳуқуқӣ барои гирифтани литсензия ё иҷозатномаи алоҳида бекор карда шуд.

Дар ин ҳолат, суроғаи филиал дар литсензия ва иҷозати қаблан гирифтаи шахси ҳуқуқӣ нишон дода шуда, ба ҳуҷҷати дорои хусусияти литсензиядиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ дошта тағйироти дахлдор ворид карда мешаванд.

Маҳдудиятҳои возеҳе мавҷуданд, ки дар кадом ҳолатҳо ҳуҷҷатҳои литсензиядиҳӣ ва иҷозатномаро суд ва дар ҳолатҳои дигар – мақомоти салоҳиятдор бекор карда метавонад.

**– Низоми иттилоотии «Литсензия» чиро фаро гирифтааст ва он чӣ гуна кор мекунад?**

– Тавре ки дар боло қайд кардем, акнун равандҳои литсензиядиҳӣ, рухсат додан ва огоҳидиҳӣ танҳо дар шакли электронӣ тавассути низоми иттилоотии «Литсензия» амалӣ карда мешаванд.

Ин низоми электронӣ тамоми равандҳои марбут ба литсензиякунонӣ, иҷозатномадиҳӣ ва огоҳиномаро дар бар мегирад.

Ин раванд марҳилаҳоро аз додани ариза то гирифтани ҳуҷҷати дахлдор дар бар мегирад.

Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки ин низоми электронӣ барои ҳама кушода ва шаффоф хоҳад буд ва ҳамаи равандҳоро марҳила ба марҳила назорат кардан мумкин аст.

Ғайр аз он, ҷорӣ кардани низоми иттилоотии «Литсензия» дар амал истифодаи варақаҳои махсуси коғазиро маҳдуд мекунад.

Бинобар маълумоти оморӣ дар соли 2019 барои истифодаи варақаҳои махсуси қоғазӣ 13 миллиард сӯм сарф шудааст. Акнун, дар натиҷаи идоракунии электронии ин равандҳо, ин маблағҳо аз буҷаи давлат сарфа карда мешаванд.

Бартарии дигари ин системаи электронӣ дар он аст, ки он ба амалияи додани нусхабардорӣ хотима мегузорад. Яъне, ин варақаҳои литсензия ба низоми электронӣ ворид карда, дар он нигоҳ дошта мешаванд ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд онҳоро ҳар вақт чоп кунанд.

**– Қонун инчунин ба амалияи ба имзо расондани шартномаҳои литсензионӣ хотима гузошт. Сабаби ин чист? Дар амал дар ин самт чӣ гуна мушкилот вуҷуд доштанд?**

– Ба имзо расондани шартномаи литсензионӣ тартиби иловагӣ мебошад. Дар ин ҳолат, тибқи тартиби қаблӣ, талабот ва шартҳои литсензия дар оинномаҳо, инчунин дар созишномаи литсензия бо назардошти қонун ва вобаста ба хусусияти фаъолият муайян карда мешуданд.

Аммо, дар амал ҳолатҳое буданд, ки мақомоти салоҳиятдор ба зиммаи субъектҳои хоҷагидорӣ ӯҳдадориҳои ғайримуқаррарӣ ва ғайриқонунӣ гузошта, талабот ва шартҳои иловагии дар созишномаи литсензия, қонунҳо ва оинномаҳо пешбининашударо муқаррар намудаанд.

**– Қонун идораи тағйир додани литсензияҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатномавиро ҷорӣ мекунад. Лутфан тавзеҳ диҳед, ки дар кадом ҳолатҳо фаъолиятро тағйир додан мумкин аст?**

— Литсензияҳо ё ҳуҷҷатҳои иҷозатномавиро мақомоти салоҳиятдор бо дархости литсензиядор ё шахсе, ки ҳуҷҷати хусусияти иҷозатдиҳӣ доштаро гирифтаанд, дар ҳолатҳои зерин тағйир дода метавонанд: васеъ гардондани намуди фаъолият, ки дар асоси литсензия амалӣ гардонда мешавад, бо намуди дигари хурди фаъолияти литсензия; оғози иҷрои фаъолият аз ҷониби филиалҳо ва намояндагиҳо тибқи литсензия ё ҳуҷҷати иҷозатдодашуда, ки ба шахсони ҳуқуқие, ки ин филиалҳо ва намояндагиҳоро таъсис додаанд, дода мешавад; тағйир додани суроғаи субъектҳои соҳибкорӣ — шахси ҳуқуқӣ дар ҳолати нисбат ба маҳалли ҷойгиршавӣ муқаррар намудани талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳӣ.

Аз ин рӯ, қонун тартиби тафтиши риояи талабот ва шартҳои литсензия, додани иҷозатнома ва огоҳиномаҳоро такмил дод. Тафтиши мувофиқат ба талабот ва шартҳои литсензиядиҳӣ, додани иҷозатнома ва огоҳинома: дар асоси назорати фосилавӣ бо истифодаи низоми иттилоотии «Литсензия»; санҷиши сайёри фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ; бо роҳи таҳлили иттилооти оморӣ дар бораи фаъолияти онҳо ва маълумоти аз онҳо дархостшуда; системаҳои «таҳлили хавфҳо»; дар асоси дархостҳои субъектҳои назорати ҷамъиятӣ анҷом дода мешаванд.

Хуллас, тартиби нави иҷозатномадиҳӣ вуруди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба муносибатҳои маъмурӣ бо мақомоти салоҳиятдор пешгирӣ мекунад. Ин, дар навбати худ, омилҳои коррупсияро, ки дар амалия бисёр дучор мешаванд, аз байн хоҳад бурд.

**Мусоҳиб**
**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**хабарнигори ӮзА.**

## ХАБАРҲО

### ҚУВВАҲО МУТТАҲИД МЕГАРДАНД

***Бунёди ҷалби бевоситаи сармояҳои хориҷӣ ба Ӯзбекистон, ки кӯмак ба васеъ сохтани ҳаҷми истеҳсолот, боз ҳам ривоҷ додани тараққиёти иқтисодии мамлакат, баҳри татбиқи ғояҳои инноватсионӣ бевосита ҷалбсозии сармояҳои хориҷиро назди худ мақсад гузоштааст,бо Иттиҳодияи мебелсозӣ ва корхонаҳои чӯбкорӣ Меморандуми ҳамкориро ба имзо расонд.***

21 июли соли равон фармони роҳбари давлат оиди дар ҳудуди мамлакат равнақ бахшидани мебелсозӣ, дар зонаҳои саноатӣ барпои кластерҳое, ки ба кор карда баровардани мебел асоснок гардонда шудаанд, ба имзо расида буд. Дар чорабинӣ доир ба масъалаҳое сухан рафт, ки баҳри ба амал татбиқ намудани нишондодҳои Президент дар ин самт равона гардидаанд.

Навъе директори бунёд Отабек Назиров таъкид намуд, баъд аз ин дар татбиқи лоиҳаҳои нав, дастгирии экспортёрҳо ва дарёфту ҷалбсозии сармоягузорони хориҷӣ ба онҳое, ки ба истеҳсоли мебел ва равнақи ҳунармандии миллӣ машғуланд, бунёд аз наздик кӯмаки молиявӣ хоҳад расонд.

Дар ташаккул додани калонтарин кластерҳои мебелсозӣ ва муттаҳидсозии ҷонибҳо идораи мо минбаъд фаъолияти худро боз ҳам ҷоннок мегардонад, гуфтанд масъулони бунёд.

Якҷо ба амал баровардани 22 лоиҳаи калон, яъне барпои корхонаҳои истеҳсолӣ ба ташкил кардани наздик 2 ҳазор ҷои нави корӣ мусоидат хоҳад намуд, гуфта шуд дар ниҳояи чорабинӣ.

### МАҚСАД – ПЕШГИРИИ ҲОЛАТҲОИ ТАМАЪГАРӢ

***Вазорати адлияи ҷумҳурӣ ба кор андохта шудани платформаи кушодеро таклиф намуд, ки дар он маълумотҳои пурра оиди барпо ва таъмири роҳҳои автомобилӣ ҷойгир шудаанд.***

Бо кӯмаки он сарфшавии маблағҳое таҳти назорат қарор дода мешаванд, ки ба инфрасохтори роҳ ҷудо карда шудаанд. Носозӣ дар роҳҳоро низ бевосита аз назар гузаронидан мумкин.

Дар ҷамъияти мо мубориза алайҳи коррупсия торафт шиддат мегирад, вале дар рейтингҳои байналхалқӣ Ӯзбекистон ҳамон аз қатори мамлакатҳое ҷойгир шуда, ки ба коррупсия моиланд. Ҳолатҳои ба коррупсия, тамаъ ва чашмбандиҳо алоқаманд бошанд, дар сохтмони роҳҳои автомобилгард зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Вазорати адлия лоиҳаи қарори Президентро,ки ба шароитҳои молиявӣ нигаронида шудаанд,омода намуд.

Тавассути платформае, ки вазорат пешниҳод кардааст, тавре таъкид сохтем, рафти корҳо дар роҳсозиро ҳар кас тавассути харитаи онлайн бевосита назорат карда ва ба хулосаи муайян омаданаш мумкин.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**




## ДАР ҲАЗОР ГАРМХОНА – ҲАЗОР ҶОЙИ НАВИ КОР

***Солҳои охир дар хоҷагии қишлоқ технологияи нави инноватсионӣ, аз ҷумла обёрӣ бо усули қатра ба роҳ монда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки об сарфа карда шавад.***
***Дар ин ҷода дар маҳалҳо боғҳои интенсивӣ ва гармхонаҳо ташкил гардида, ҳамдиёронамон бо кори доимӣ банд мешаванд.***

Дар ноҳияи Чортоқи вилояти Намангон аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Goldennuts Namangan» 1000 гармхона, ки ҳар яке 2 сотихӣ аст, сохта мешавад. Дар гармхона рӯёндани ҳосили помидор, бодиринг, картошка, лаблабу, қаламфури булғор ва дигар маҳсулоти полизӣ ба роҳ монда мешавад.

Қобили қайд аст, ки шаҳрвандоне, ки дониш ва таҷрибаи зарурӣ надоранд, метавонанд дар «Мономарказибаи таҳсилоти агробизнес» дар зарфи 2-3 моҳ касбҳо оиди кишоварзӣ-соҳибкориро омӯзанд. Онҳо ба саволҳояшон аз тарафи мутахассисони соҳибтаҷриба ҷавобҳои зарурӣ мегиранд.

Барои обёрии гармхонаҳо 6-то чоҳи зеризаминӣ ва қубурҳои полиэтиленӣ мавҷуд аст. Барои ин аз буҷаи маҳаллӣ 3 миллиард сӯм ҷудо ва ҳавзаи имконияташ 40 тонна об сохта, ба истифода супурда шуд.

Соли 2020 аз навъҳои зиёди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба Русия ва Қазоқистон экспорт карда шуд, ки 1,1 миллион доллари ИМА арзиш доранд. Соли ҷорӣ маҳсулоти нахустини помидор ва бодиринг, исмалоғ ва кабудиҳои гуногун дар бозори маҳаллӣ ба фурӯш бароварда ва даромади ғайричашмдошт ба даст оварда шуд. Имрӯзҳо дар гармхонаҳои номбурда парвариши ҳосили дувум ба роҳ монда мешавад.

Ҳоло дар 870 гармхона 400 ҳазор бех помидор, 290 ҳазор бех бодиринг, 50 ҳазор бех қаламфури булғор парвариш карда мешавад. 190 тонна помидор, 110 тонна бодиринг ба бозори дохилӣ баҳри фурӯш бароварда шуд.

**Муҳиддин МАҒЗУМОВ.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

## ҲАМКОРИҲО БО СОҲИБКОРОНИ ВЕНГРИЯ

Дар қаламрави ҷумҳурӣ, аз ҷумла, вилояти Ҷиззах бо иштироки сармояи хориҷӣ корхонаҳои зиёд фаъолият мекунанд. Онҳо ба бозори дохилӣ маҳсулоти харидоргир мебароранд. Баробари ин ба хориҷа маҳсулоти хушсифат содир мекунанд. Дар ин самт бо сармоядорони хориҷӣ ҳамкориҳо вусъат меёбанд.

Ба наздикӣ ҳокими вилоят Эргаш Солиев бо директори иҷрогари Ширкати VITAFORT Art-и Венгрия Хеленбай Жено ва ходими сафоратхонаи Венгрия дар Ӯзбекистон Ваник Янош вохӯрд ва оид ба дурнамои ҳамкориҳо мулоқот орост.

Онҳо зимни мулоқот масъалаҳои пиёда кардани лоиҳаҳои марбут ба таъсис додани корхонаҳои хӯроку озуқаи чорво, моҳипарварӣ ва паррандапарвариро муҳокима намуданд.

Меҳмонон дар ноҳияи Шароф Рашидов бо ҷараёни кори корхонаи моҳипарварии «Голд фиш агро» ва дар ноҳияи Ғаллаарал бо корхонаи мурғпарварии «Сангзор парранда» аз наздик шинос шуданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# Хонаи меҳрубонӣ намуди дигар гирифт



***Тарбиягирандагони Хонаи меҳрубонии 26-ум, ки дар ноҳияи Намангони нави шаҳри Намангон воқеъ гардидааст, иди аз ҳама бузург, аз ҳама азиз — 30-юмин солгарди истиқлолияти Ватанамонро бо шодмонӣ ва тантана пешвоз мегиранд.***

Чорабиние, ки ба муносибати аз таъмири асосӣ баровардa шудани маскани меҳрубонӣ ташкил карда шуд, барои кӯдакон ба як иди воқеӣ, ҷашни фаромӯшнашаванда табдил ёфт.

Муовини вазири маҳалла ва дастгирии оила Гулнора Маърупова, ҳокими вилояти Намангон, узви Сенати Олий Маҷлис Шавкат Абдураззоқов, муовини якуми Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон Бахтиёр Маҳмадалиев, сардори раёсати корҳои тарбиявӣ ва мафкуравии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, полковник Зафарҷон Абдуллоев қайд намуданд, ки корҳои созандагие, ки дар маскани меҳрубонӣ дар асоси супоришҳои роҳбари давлатамон амалӣ мешаванд, барои дар Ӯзбекистони нав дар шароити хуб зиндагӣ карда, ҳамчун инсони комил ба воя расидани кӯдакони ташнаи меҳр нигаронда шудааст.

Ба сифати тӯҳфа ба 30-юмин солгарди истиқлолияти Ватанамон ба ҷамоаи Хонаи меҳрубонӣ туҳфаи Президент — калиди мошини тамғаи «Нексия -3» супурда шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев рӯзҳои 18-19 феврали соли ҷорӣ ҳангоми сафар ба вилояти Намангон ба Хонаи меҳрубонии мазкур ташриф оварда, зарурати ба дараҷаи талаботи стандартҳои ҷаҳон баровардани пойгоҳи моддию техникӣ, дар қалби ҷамоаи педагогӣ ва тарбиягирандагон баланд бардоштани боварӣ ба ояндаро таъкид намуда буд.



Дар масакани меҳрубонӣ дар муддати кӯтоҳ тахти фармоиши Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон корхонаи фаръии пудратии «Касаба қурилиш таъмирлаш», ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Story Aliance Servis» ба маблағи 8 миллиард сӯм корҳои таҷдидиро анҷом доданд.

Дар доираи лоиҳа зиёда аз 6500 метри мураббаъ роҳҳои ҳудуд асфалтпӯш карда шуда, як бинои истиқоматии дорои 76 ҷой, толори варзишӣ, ошхонаи дорои 80 ҷой, ҳавзи шиноварии пӯшида ва толори варзишии замонавӣ таъмир карда шуд. 10 хонаи таълим ва маҳфилҳо, шӯъбаи тиббӣ бо таҷҳизоти замонавӣ, хусусан таҷҳизоти муосири электронии омӯзишӣ муҷаҳҳаз гардонда шуданд. Бинои мавҷуда аз нав таъмир карда шуда, зеботар гардид. Майдончаи бачагонаи андозаи 19х24 аз нав сохта шуд. Тамоми майдони иншоот обод карда шуд.

— Ташрифи сарвари давлатамон ба Хонаи меҳрубонӣ ба мо рӯҳияи тоза бахшид, — мегӯяд тарбиятгирандаи Хонаи меҳрубонии 26-ум Мадина Камолиддинова. — Назари мо ба зиндагӣ комилан дигар шуд. Президент бо мо, тарбиягирандагон суҳбат карда, ваъда дода буд, ки масканамонро куллан нав карда, шароити муносиб фароҳам меорад. Дар натиҷаи корҳои созандагиву ободонӣ суханони холисона дар амал ифодаи худро пайдо кардаанд. Синфхонаҳои информатика, математика ва забонҳои хориҷӣ бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла тахтаҳои электронии ба интернет пайвастшуда, курсиҳои нарм ва мебел муҷаҳҳаз мебошанд.

Дар Хонаи меҳрубонии 26-ум, ки соли 2003 таъсис ёфтааст, ҳоло 40 нафар ятим ва кӯдакони бепарастори аз 3 то 18 -сола тарбия меёбанд. Ду духтар пеш аз мӯҳлат донишҷӯи донишгоҳ шуданд.

Муассиса дар асоси пешниҳоди роҳбари давлатамон ба тасарруфи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузаронда шуд. Айни ҳол аз ҷониби раёсати вилояти намангонии Гвардияи миллӣ ба ин муассиса як нафар афсар ва чор нафар рӯҳшинос вобаста карда шуд. Маҳфилҳои варзишӣ ба мисли ҷанги тан ба тан, гуштӣ, дзюдо, теннис, шиноварӣ, футбол, шоҳмот, варзиши аспӣ таъсис дода шудаанд. Илова бар ин, оиди тайёрии то даъватии ҷавонон, омодагии муҳандисӣ, омӯзиши кӯҳнавардӣ, техникаи ҷангӣ машғулот гузаронда шуда, корҳои тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи ҳарбию ватандӯстӣ ба роҳ монда шуд.

**Оқилхон ДАДАБОЕВ,**
**мухбири ЎзА.**

Ба ҷойи таъзия

# НАМУРД ОН КАСЕ,КИ...

Аъзам Муҳаммадиев, табиби ҳозиқ, инсони дардошнову дилошнои Самарқанд, ки ба муҳаббати халқ сазовор буд, аз олам даргузашт.

Шунидани ин хабар барои ман низ вазнин буд.

Аввали шаб тавассути «оинаи нилгун» аз Токио мусобиқаи финалии ҳамватанамон– муштзан Баҳодур Ҷалоловро тамошо карда, аз дастболо шудани ӯ хурсандӣ мекардам, ки ногаҳон телефони дастиам садо дод. Аз он овози маҳзуну изтиробомези дӯстам Абдуҳафиз Ҳалимови оҳаликӣ ба гӯшам расид:

– Бандагӣ, акаҷон, – бо оҳи бадард хабар дод вай. – Табибамон Аъзам Муҳаммадиев вафот карданд.

Ростӣ, аз ин хабари нохуш гӯшҳоям қулф зада, дилам ба таппиш омад.

– О, чӣ хел, – ҳайрон шуда пурсидам ман, — дигар сухани гуфтанӣ наёфта.

– Хости Худо, амри тақдир, – ҷаноза пагоҳ соати нӯҳ...– гуфт Абдуҳафиз ва телефон хомӯш шуд.

Тамоми шаб пеши назарам симои ин табиби ҳозиқ, инсони хоксору меҳрубон, фидоии касби худ бо чеҳраи кушоду табассуми ширин ҷилвагар мешуд. Ӯ гӯё маҳз барои шифокор шудан ба дунё омада буд.

Аъзам Муртазоевич соли 1958 дар деҳаи Шӯрбоӣ таваллуд шуда, ҳанӯз солҳои таҳсил дар мактаби миёна ба касби шифокорӣ дил баст. Пас аз хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба Донишкадаи тиббии Самарқанд супурд. Аз имтиҳонҳои қабул сарбаландона гузашт.

Шаш сол аз устодони босаводу меҳрубон нозукиҳои касби шифокориро омӯхт. Баъди соҳиби диплом шудан бо роҳхати донишкада фаъолияти меҳнатиро дар ноҳияи Карманаи вилояти Навоӣ оғоз намуд.

Аз соли 1984 то лаҳзаҳои вопасини умр дар шуъбаи эҳёи (реаниматсия) Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Самарқанд кор кард. Аз дастони сабуки ӯ садҳо, шояд ҳазорҳо нафар шахсони касбу кор, синну сол ва миллаташон гуногун аз чанголи маргу таъқиби аҷал халос шудаанд. Вай дар шуъбаи мазкур баъди ба кори дигар гузаштани мудир, профессор Толиб Аҳтамов ҷонишини ӯ таъин гардид. Маҳз бо талошу ташаббуси Аъзам Муҳаммадиев таъминот бо асбобу ускунаҳои замонавии тиббӣ куллан тағйир ёфт.

– Барои раҳматӣ ҷадвали аниқи кор вуҷуд надошт, – иброз дошт ҷонишини сардухтури шифохонаи марказии ноҳияи Самарқанд Замирахон Маъмурова, – то нисфи шаб,баъзан то субҳ дар сари болини бемори муҳтоҷи ёрӣ парвона мешуд.

Зуд-зуд барои маслиҳат додан, ё худ шахсан аз назар гузаронидани бемори вазнин ба манзилаш мерафт, медид ва барои сиҳҳат ёфтанаш беғаразона кӯмак мерасонд. Бо чеҳраи кушод ба табобат мепардохт, бо бемор сӯҳбати маҳрамона меорост, ӯро дилбардорӣ мекард. Хуллас, соҳиби санъати олиҷаноби табобат буд, ҳоло бисёр шогирдонаш ба ин хислати ибратбахши устод пайравӣ мекунанд. Чанде пеш вай дар Тошканд сазовори унвони шифокори олӣ гардида буд. Мо умед доштем, ки ӯ таҷрибаи ғании худро боз ба ҷавонон бештару хубтар ёд медиҳад. Афсӯс, ба дарди худ даво наёфт ва аз сактаи дил ҷон дод.

Раҳматӣ Аъзам Муҳаммадиев бо ҳамсари меҳрубонаш Шоиста Қосимова ду нафар фарзанд – Замирабону ва Темуршоҳро таълиму турбияи хуб доданд.

Панҷшанбеи гузашта имом хатиби маҳалла Ҳоҷӣ Бахтиёр дар маросими ҷаноза доир ба хислатҳои неки маит ҳарф зада, таъкид кард, ки аз дасти аҷал шоҳу гадо оқибат водии хомӯшонро манзили абадӣ ихтиёр мекунад, вале ба фармуди шоир:

*Намурд он касе,*
*к-аз ҷаҳон ном бурд,*
*Ки марди накӯном*
*ҳаргиз намурд.*

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
вилояти Самарқанд.

# МУБОРИЗА АЛАЙҲИ КОРРУПСИЯ — ЗАМИНАИ МУСОИД БАРОИ ТАРАҚҚИЁТ

Дар мамлакатамон муборизаи беамон ба муқобили коррупсия ба сиёсати устувори давлатӣ мубаддал гаштааст. Дар ин замина беш аз 70 ҳуҷҷат қабул карда шуд, ки барои аз ҷомеа куллан рафъ намудани фасодкорӣ мусоидат хоҳанд кард. Ногуфта намонад, ки омилҳои бавуҷудорандаи коррупсия бояд пеш аз ҳама муайян кардаву ҷиҳати бартараф намудани он муҳити созгор фароҳам оварда шавад.

29 июни соли 2020 барои муборизаи қатъӣ бо коррупсия ду ҳуҷҷати муҳим қабул гардид. Ин ҳуҷҷатҳо аз фармони Президент “Дар бораи чораҳои иловагии такомул бахшидан ба муборизаи систематик бо коррупсия” ва қарори сарвари давлат “Дар бораи ташкил намудани Агентии мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон” иборат мебошанд. Маҳз дар заминаи ҳамин фармону қарори Президент Агентии мубориза бо коррупсия ташкил ва ҳамчун органи ваколатдори махсус фаъолияташро дар ин самт беш аз пеш тавсеа бахшидааст.

Ин нукта бояд таъкид гардад, ки дар айни замон агентӣ иҷрои якчанд вазифаи устуворро барномарезӣ кардааст. Ба таври мисол, таҳлили систематикии ҳолати коррупсия дар кишвар, ташаккул додани муборизаи беамон ба муқобили ҳар гуна намуди коррупсия, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти ҷилавгирӣ ва муборизаи бошиддат бо коррупсия, ташкили фаъолияти муштараки самарабахши мақомоти давлатӣ, васоити ахбори умум, ниҳодҳои шаҳрвандӣ ва бахшҳои дигари ғайридавлатӣ оид ба масъалаҳои тахти назар аз шумори иҷрои корҳое мебошанд, ки барои кормандони агентӣ ва ҷомеаи кишвари мо ногузир маҳсуб меёбанд.

Инчунин мо ӯҳдадор ҳастем, ки ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия, ҷорӣ намудани стандартҳои ростқавлӣ, ростгӯӣ ва ҳалли низоъҳо дар хизмати давлатӣ ноил шавем. Дар баробари ин, таҳлили самараноки системаи назорати зидди коррупсия дар истифодаи маблағи буҷавӣ, қарзи созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ ва хариди давлатӣ низ аз ҳамин вазифаҳои устувори ниҳоди агентӣ ба шумор мераванд.

Бечуну чаро, мо бояд дар соҳаи мубориза бо коррупсия ҳамкориҳоро дар сатҳи байналмилалӣ низ ба роҳ монем, дар акси ҳол ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил нахоҳем шуд. Хушбахтона, дар Агентии мубориза бо коррупсия корҳои систематик ба амал бароварда мешаванд.

Ҳоло мо муайян намудаем, ки дар 26 вазорат ва идора хавфи зуҳури коррупсия бештар мебошад, барои ҳамин дар ин вазорату идораҳо назорати дохилиро бояд пурзур намуд ва тақвият бахшид. Мо дар ин вазорату идораҳо шӯъбаҳои назоратиро таъсис намудем. Дар натиҷа дар дасткам даҳ органи давлатӣ ва корхонаҳо муборизаи систематик бо коррупсияро ҷорӣ кардем ва ин мусоидат намуд, ки ба сертификати стандарти байналмилалии ISO 37001:2016 соҳиб шавем.

Аз моҳи октябри соли равон чунин сохтор дар соири органҳои давлатӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла, ҳокимиятҳои маҳаллӣ низ ҷорӣ карда хоҳад шуд.

Самти дигари кори мо ба соҳаҳои сохтмони капиталӣ, таълимоти олӣ, харидҳои давлатӣ ва сиҳати омма нигаронида шудааст. Дар ин замина мо лоиҳаҳои “Соҳаи холӣ аз коррупсия” ва дар ноҳияи Давлатободи вилояти Намангон “Ҳудуди холӣ аз коррупсия”-ро таҳти татбиқ қарор додаем.

Албатта, мушкил аст, ки бидуни кумаки журналистону блогнависон дар мубориза бо коррупсия ба ҳадафҳои зиёд мерасида бошем. Барои ҳамин ҷиҳати пешгирӣ намудан ва муборизаи беамон бо коррупсия дар назди агентӣ клуби “Журналистон ва блогнависон” ва Шӯрои иҷтимоӣ таъсис додем.

Гузашта аз ин, Агентӣ дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои байналмилалӣ бо намояндагии СММ дар Ӯзбекистон, Барномаи рушди СММ, Садорати мубориза бо нашъамандӣ ва ҷинояткории СММ, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Ташкилоти ҳамкорӣ ва тараққиёти иқтисодӣ, ваколатхонаи ҳайати Иттиҳоди Аврупо, Шӯрои Аврупо, инчунин Бюрои назорат бар маводи мухаддир ва таъмини ҳуқуқи Департаменти давлатии ИМА, Агентии рушди байналмилалии ИМА, хазинаи ба номи Конрад Аденауэри Олмон, ташкилоти ғайридавлатии “Мулоқоти минтақавӣ” ва амсоли он ҳамкориҳои доманфарохи худро ба роҳ мондааст ва онро тавсеа мебахшад.

Мувофиқи фармони Президент аз 16 июни соли 2021 Агентӣ вазифадор дониста шуд, ки мувофиқгардонӣ ва мониторинги доимии фаъолияти шаффофи органҳо ва ташкилотҳои давлатиро таъмин намояд. Дар ин замина дар таркиби агентӣ Садорати таъмини фаъолияти шаффофи органҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ташкил карда шуд.

Дар айни ҳол ба нақша гирифта шудааст, ки амалиёти эълон намудани ба кор ҷалб кардан, ба амал баровардани хариди давлатӣ, ташаккул додани буҷа ва шаффофияти истифодаи ҷамъи ин маблағҳо дар тамоми муассисаҳои давлатии сатҳи миллӣ ва ноҳиявӣ ҷорӣ карда шавад.

Агентии мубориза бо коррупсия бар ин аст, ки истифодаи маблағ барои хариди давлатӣ, аз ҷумла, маблағи буҷаҳои давлатӣ, маблағҳои ихтисосдодаи созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва хориҷӣ ҳамеша ба тарзи шаффоф ба амал бароварда шаванд. Агентӣ инчунин роҷеъ ба он ки то чӣ андоза он бар асоси рақобат ташкил карда шудааст, мониторинг мекунад. Ба таври мисол, мувофиқи чорабиниҳои мониторингии пиёдашудаи агентӣ бештар аз 450 озмуни тендерӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Маълум гардид, ки зимни харидҳои давлатӣ ба вайрон шудани қонунгузориҳо роҳ дода шудааст, барои ҳамин натиҷаи ин озмунҳо бекор гардида, айбдорон мувофиқи айби худ муҷозот шуданд.

Дар натиҷаи ин ҳаракатҳо Ӯзбекистон дар рейтинги “Индекси қабул кардани коррупсия”-и ташкилоти ғайридавлатии “Transparency International” дар давоми ду соли охир ба 12 зина боло баромад ва дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз рӯи натиҷаҳои нишондоди мубориза бо иллати коррупсия ҷои беҳтаринро ишғол намуд.

Имрӯз агентии мо бо коршиносони байналмилалӣ барои таҳияи рейтинги миллии мубориза бо коррупсия аз наздик ҳамкорӣ менамояд. Ҳамасола аз рӯи он индекс, ки нашр мешавад, мо метавонем тасвири воқеии сатҳи коррупсия дар мамлакатро муайян кунем.

**Акмал БУРҲОНОВ,**
**директори Агентии мубориза ба зидди коррупсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# МАН КАСБАМРО ДӮСТ МЕДОРАМ,

## – мегӯяд муаллиф ва муҳаррири барномаи “Рангинкамон” Шарофат Эрматова

(Очерк)

### Армони дил

Шарофат ҳамон рӯз аз вилояти Самарқанд хеле хушҳолу қаноатманд баргашт. Ба вай ва аъзои гурӯҳе, ки ӯро ҳамеша дар сафарҳои хидматӣ ҳамроҳӣ мекунанд, имкон даст дод, ки бо фарзандони фарзонаи ин шаҳри бостонӣ суҳбатҳои муфиду ҷолиб анҷом диҳад.

– Ин суҳбату мулоқотҳо саросар самимӣ ва пур аз меҳру муҳаббат буданд, – мегӯяд ӯ. – Ҳамон ҳафта барномаи “Рангинкамон” ҳаёту фаъолияти як гурӯҳ одамони шӯҳратёри Самаркандро ба тамошобинон намоиш дод. Ҳар кадоми ин одамон дар пешрафти илму фарҳанг ва адабу маърифат саҳми бузург мегузоранд.

– Пеш аз сабт ба майдони Регистон омадам. Онро бо шавқ тамошо кардам. Эҳсос намудам, ки пеш аз шурӯъи кор ба ин ҷо беҳуда қадам ранҷа накардаам. Дарҳақиқат, барои тамошои Регистон ҳамасола даҳҳо ҳазор сайёҳ меояд.

Дидани ду шаҳри бостонӣ ва марказҳои тамаддуни олам – Самарқанду Бухоро барои вай нерӯи тоза мебахшад. Ба забони ноби форсӣ суҳбат кардани мардуми зиёд дар бозору растаҳои савдо басо гуворову дилкаш мебошад.

Эрматова мегӯяд, ки таҳсил дар ин шаҳри бостонӣ як умр барояш армон шуда мондааст. Вақте ба падараш гуфт, ки баъди хатми мактаби миёна таҳсилашро дар Самарқанд идома хоҳад дод, аз падар ҳарферо шунид, ки дар дилаш ба ҳамин армон як умр лона гузошт.

– Духтари азизам, шаҳри Самарқанд аз мо хеле дур. Беҳтараш, ба Тошканд раву дар ягон ҷо таҳсил намо. Агар писар мебудӣ, пеши роҳатро намегирифтам, – гуфтааст падараш.

Дар мактаби миёна муаллими забону адабиёт Шоюсуф Шоёқубов аз онҳо ҳамеша талаб мекард, ки дар мавзӯъҳои гуногун иншо нависанд ва бештар шеър азёд кунанд, то ки саводашон боло равад ва нутқашон бурро гардад.

Зодгоҳи Шарофат деҳаи Нанай дар минтақаи кӯҳистони вилояти Тошканд воқеъ гаштааст. Мактаби миёнаро ӯ дар ҳамин деҳ ба итмом расонидааст. Дар фасли тирамоҳу зимистон аз барфу боронаш ва дар фасли баҳору тобистон аз чангу ғубораш ба серӣ “баҳра” бурдааст.

– Падарам нутқи хуб доштанд. Ҳарчанд аз рӯи тахассус агроном буданду бештар ба кирмакпарварӣ машғул мешуданд, маҳфилҳои зиёдро бо шеъру ғазалхонӣ шукӯҳ мебахшиданд. Дар кӯҳистони мо аз танги тирамоҳ то охири зимистон одамон бекор мемонанд. Падарам барои одамони деҳ, ки дар як ҷо гирдиҳам меомаданд, маҳфилоророӣ мекарданд.

### Техникум маҷрои ҳаёти ӯро дигар кард

Дар оила онҳо даҳ фарзанд ва падар тани танҳо онҳоро меҳӯронду мепӯшонд. Вақте ки шаҳодатномаи хатмкуниро гирифт, шаҳри Тошканд омад. Аммо ҳаргиз гумон намекард, ки вай солҳо ба наттоқиву барандагии телевизион машғул хоҳад шуд ва кори омӯзгорӣ, ки ҳамеша орзу мекард, насиби вай намешавад. Ба тақдир тан доду соли 1980 ба техникуми маданияти шаҳри Тошканд ҳуҷҷат супурд. Аксари баҳоҳои шаҳодатномааш “аъло” буд ва ифтихорномаҳои зиёд бо худ дошт, барои ҳамин дар комиссияи қабул гуфтанд, ки вай танҳо як имтиҳон месупорад.

– Аммо номамро дар рӯйхати дохилшудагон пайдо накардам. Дар техникум ҳама худро ба нодонӣ заданд. Маҷбур шудам, ки ба Вазорати маданият рафта ҳаққамро ҳимоя кунам. Баъди суҳбат бо вазири вақт бе гапу калочаи зиёд маро ба ин техникум қабул карданд. Бо вуҷуди ин, ним сол ба ҳайси шунавандаи озод ва бидуни стипендия машғули дарсхонӣ шудам. Аз ин ҳодисаҳо падарам ҳаргиз хабар надоштанд. Ғайр аз он ки дар дарсу машғулиятҳо фаъол будам, дар мавсими пахтачинӣ худро нишон додам. Донистанд, ки духтари кӯҳистон дар чидани пахта дигаронро чӣ тавр ба ҳайрат мегузорад. Оқибат, аз шунавандаи озод ба талабаи ҳақиқӣ табдил ёфтам ва 37 сӯму 50 тин стипендия мегирифтагӣ шудам. Ин миқдор пул ҳамон замон маблағи калон ҳисоб меёфт, – ба хотир меоварад Шарофат.

### Аз мусаҳҳеҳӣ – то масъули “Рангинкамон”

Баъди хатми техникум дар рӯзномаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” (ҳоло “Овози тоҷик”) ба ҳайси мусаҳҳеҳ ба кор даромад. Дар як вақт дар шуъбаи ғоибонаи факултаи режиссураи Донишкадаи маданият ва санъати Тошканд таҳсил кард. Зимнан, аз устод Сотимхон Инъомхӯҷаев, ки ба шогирдон аз нутқи саҳна дарс медод, дарси маҳорати наттоқиро омӯхт.

– Баъд дар шабакаи аввали телевизиони ҷумҳурӣ барномаи тоҷикӣ ба роҳ монда шуд, ки масъулияти онро устод Ҷонибеки Қувноқ бар дӯш доштанд. Он кас ҳамон давраҳо аз бемории қалб хеле азият мекашиданд. Вақте ки устод Қувноқ маро ба ин барнома даъват карданд, чанд нафар нобоварӣ намуданд, ки ман аз ӯҳдаи ин кор баромада метавониста бошам. Баъзан аз 45 дақиқа то якуним соат барномаи тоҷикӣ пахш мешуд. Аммо оҳиста-оҳиста ин барнома аз ним соат ба 15 дақиқа кам карда шуд.

Ҳамон солҳо ба забони тоҷикӣ барномаи иттилоотии даҳдақиқаӣ низ пахш мегардид. Сонитар барномаҳои иловагии “Меҳрангез” арзи вуҷуд намуд. Ин барномаҳо аз номи шӯъбаи “Дӯстӣ” пахш мегардиданд.

– Ёдовар шудани баъзе паҳлӯҳои корамон дилро ба риққат меорад. Замоне аз мо тақозо гардид, ки барномаро ба забони ӯзбекӣ пахш кунем, бигзор қаҳрамонҳои он одамони тоҷиктабор бошанд. Ҳамаи мо ба ҳайрат афтодем. Ба кӯмаки мо ходимони дастгоҳи ҳамонвақтаи Президент Нарзулло Ҷӯраев ва Ҳасан Қудратуллоев расиданд ва нагузоштанд, ки ин амри бемаънӣ амалӣ шавад. – мегӯяд Ш. Эрматова.

Аз ин дида бештар ҳодисаи риққатовар дар соли 2005 рух дод – пахши сурудҳои тоҷикӣ барҳам хӯрд ва ин раванд то ҳол идома дорад.

– Аз соли 1990 узви фаъоли Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони шаҳри Тошканд – “Ориёно” будам. Ба он Мӯҳсин Умарзода, Сотимхон Инъомхӯҷаев, Собитхон Қурбонов, Тӯхтамурод Набиев, Холназар Ӯролов, Давлатбек Саъдуллоев, Ҳисомиддин Абдувалиев ва чанд муддат ман раисӣ кардем. Соли 2008 маркази ҷумҳуриявӣ кушода шуд. Ҳамон вақт ман ровии барномаҳои “Садои дил”(таронаҳо) ва “Ширу шакар”-и ширкати садову симо будам. Баъд масъули барномаҳои телевизионии “Ӯзбекистон – маъвои умумии мо” ва “Дар оилаи ягона” таъин шудам. Ин барномаҳо ба забони ӯзбекӣ пахш мегардид, – ёдовар мешавад Шарофат.

(Давомаш дар саҳ.4).

# «ДУХТАР – САНГИ ФАЛАХМОН»,

## ё худ насиҳати модар ба духтар

Духтарҷон, «Духтар санги фалахмон» гуфтаанд, рӯзе мерасад ту хонаи падарро тарк мекунӣ. Ту акнун узви оилаи дигар ҳастӣ. Арӯси навро «Пайи қадамаш нек ояд», гуфта дуо кардаанд момоёни мо. Бо дили пурмеҳр, забони ширин, сариштакорию саранҷомӣ рӯзгоратро обод кун. Чи тавре ки мегӯянд, «хонаи босаришта фаришта дорад», таги дарвоза, гирду атрофи танӯру оташдон, ошхона ва анҷоми рӯзгоратро ҳамеша тозаву озода нигоҳ дор. Ба тартиби шустани либосҳо риоя намо, аввал дасторхон, дастпоккун ва дигар либосҳои сафедро шӯй. Онҳоро дар офтоб хушк карда, дарзмол намо. Тозагӣ гарави саломатӣ аст.

Хӯрокҳои болаззатро омода соз, ба камию костии рӯзгор сабр ва қаноатпеша бош. Зеро, «санги вазнинро об намебарад». Рӯзгоре момоёни мо мушкилӣ, ҷудоӣ, меҳнати ҳаёти сангинро аз сар гузаронда бошанд ҳам, оиларо муқаддас ва пос доштаанд. Пайрави гузаштагон бош.

Меҳмонро хуш қабул кун, меҳмон атои Худо гуфтаанд. Норасоии рӯзгоратро ба меҳмон ошкор насоз, ки ин боиси озурдагии шавҳарат мегардад. Чуноне ки ҳамсоязан боре дар ҳузури меҳмон шавҳарашро сарзаниш карда гуфт, ки дар хона нон нест, ин нест, он нест. Ин ҳолат хеле бад аст. Вақте меҳмон аз дарат мебарояд, ҳоло ӯ дур нарафта даратро сахт напӯш, ки ин боиси дилозурдагии меҳмон мегардад.

Шавҳарат сарпаноҳ, фахр, ғурур, таъмингари рӯзгорат аст. Ӯро дӯстдор ва эҳтиром намо. Бе иҷозати ӯ аз остонаи дарат берун нарав. То охири умр бо ӯ чеҳракушод бош, сурату сиратат ҳамеша зебо бошад.

Ривоят мекунанд, ки рӯзе духтари Муҳаммад (с.а.в.) Фотимаро ба базми духтарон даъват менамоянд. Фотима ба он ҷо меравад ва мебинад, ки занону духтарони зиёде ҷамъ омадаанд. Онҳо либосҳои қиматбаҳо ба бар, бо зару зевар оро дода шуда, бо як такаббуру ҳавобаландӣ дар гирди хони неъмат нишаста буданд. Занҳо ба Фотима, ки куртаву пойҷомаи оддӣ ба тан дошт ва хомӯш менишаст, назарногирона дида медӯхтанд. Фотима дар ин давра худро ноҳинҷор ҳис намуд ва базмгоҳро тарк кард. Ба хона рафта воқеаро ба падараш гуфт. Муҳаммад (с.а.в.) чунин ҷавоб дод:

«Духтарам, хоксорӣ ва фурӯтанӣ зебу зинати туст».

Духтарҷонам, вақте ҳомила мешавӣ, модарат бо сад орзуву нияти нек ба дӯхтани анҷоми гаҳвора шурӯъ менамояд. Бахти модарӣ дар сари гаҳвора нишаста аллагӯйист. Чуноне ки ту худ тифл будию ман бад-ин тарз алла мегуфтам:

*Ҷони модар, ҷони ҷонам, аллаё,*
*Муниси рӯзу шабонам, аллаё.*
*Эй сароғози хушиҳоям, бихоб,*
*Ман туро танҳо намонам, аллаё.*
*Алла, алла, аллаё,*
*Ман, ки ҳоло шокири рӯйи туям,*
*Содиқона дар такопӯйи туям.*
*Толеи некат бихоҳам аз Худо,*
*То ки ҳастам, ман дуогӯйи туям.*
*Алла, алла, аллаё,*
*Ҷони модар аллаё...*

Азизакам, аз туҳмат, ғайбат, ҳасад ва дурӯғ, ки фазилатҳои бади инсонӣ аст, парҳезкор бош. Ба оила ва рӯзгордории покизаат дигарон бояд ҳавас кунанд ва ибрат гиранд...

**Сафаргул ЙЎЛДОШЕВА,**
ноҳияи Нурато.

Бонувони порсигӯ

# ОИША СУЛТОН ХОНУМ

Шоираи дигаре бо номи Оиша Султон Хонум дар аҳди Бобуриён ба забон гирифта мешавад, ки дар баъзе сарчашмаҳо ӯро Самарқандӣ, дар баъзеи дигар Хуҷандӣ ё Истаравшанӣ хондаанд. Оиша Султонбегим ё Оиша Султон Хонум амакдухтари Бобур мебошад, ки завқи баланди шоирӣ дошт.

Дар он замон мавқеи зан дар ҷамъият ба назар гӯё маҳдуд тобад ҳам, лекин дар ҳалли баъзе масъалаҳои шахсӣ шариат монеъ намешуд. Хоҳиши зан ба инобат гирифта шуда, ҳатто дар масъалаи талоқ низ одобу рафтор дар доираи қонунҳои шариат нигоҳ дошта мешуд. Аз ҷумла, дар муносибат бо Оиша Султон Хонум Бобур ниҳоят ҷавонмардона амал кардааст.Тибқи воқеанигории Рашидӣ ва худи Бобур, амакбачаҳо, яъне Бобур ва духтари амакаш Оиша Султонбегим, ҳанӯз дар 5-солагӣ дар Самарқанд ба якдигар бахшида шуда будаанд. Дертар ба Хуҷанд омада, баъди издивоҷ дар шаҳри Хуҷанд, Бобур Мирзо хоҳиши шахсии Оишаро ба инобат гирифт ва аз ӯ ҷудо шуд. Тавре худи Бобур менигорад, байни онҳо назар ба муҳаббат шарму ибо бештар вуҷуд дошт. Дере нагузашта, баъди ногаҳон фавтидани духтарчаи таваллудшудаи онҳо Бобур Мирзо ба исрори ҳамсараш розӣ шуд, ки ба ӯ талоқ диҳад. Дар бораи Оиша Султон Хонум дар китоби Тоҷӣ Усмон маълумоти андаке дода шуда, муаллиф Оишаро чун шоираи асри XI муаррифӣ намуда, дар бораи номаълум будани авлоду аҷдоди вай сухан рондааст.

Аҳрор Мухторов дар бораи Оишаи Самарқандӣ маълумот оварда гуфтааст, ки аз рӯйи гуфти баъзеҳо ӯ гӯё дар Самарқанд муқрия будааст.

Фарзияи А. Мухторов аз ҳақиқат холӣ нест, чун мулки Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Хуҷанд ва Истаравшан то ба Кобул дар дасти падар ва амакҳои Оиша қарор доштанд. Аз ин рӯ, ӯро гоҳ чун шоираи Хуҷандӣ ва гоҳ чун Самарқандӣ ба забон мегиранд.

Рубоиеро аз осори ӯ пешкаши шумо мегардонем:

*Ашке, ки зи чашми ман ба рӯ ғалтидаст,*
*Дар гӯш кашидаӣ, ки марворид аст.*
*Аз гӯш бурун ор, ки бадномии туст,*
*К-онро ба рухам тамоми олам дидаст!*

**Зебунисо ФАЙЗУЛЛОЕВА.**




# МАН КАСБАМРО ДӮСТ МЕДОРАМ,

## – мегӯяд муаллиф ва муҳаррири барномаи “Рангинкамон” Шарофат Эрматова



(Аввалаш дар саҳ.3).

Ӯро солҳои зиёд боз мешиносам, вале аз як қатор дастоварду муваффақиятҳои ӯ огаҳӣ надоштам. Яке аз чунин дастовардҳо дар соли 2002 ба ордени “Дӯстлик” сазовор шудани ӯ мебошад.

– Хеле дер аз ин фармон маро хабардор карданд. Вақте ки барои гирифтани ин мукофот вориди толори васеъ шудам, ҳанӯз боварам намеомад, ки дар шумори орденгирҳои зиёд номи ман низ қайд шудааст. Ҳамон рӯз хеле шоду хуррам ба хона баргаштам. Аъзои хонавода ва дӯстони зиёд маро бо ин мукофоти давлатӣ табрику шодбош гуфтанд, – бо фурӯтанӣ мегӯяд Шарофат.

Маълум шуд, ки соли 2007 вай бо амри дигари сарвари давлат ба унвони “Ходими шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Ӯзбекистон” сазовор шудааст. Шарофат мегӯяд, агар кас меҳнат кунаду меҳнаташ қадрдонӣ шавад, сараш ба осмон мерасидааст. Ин унвон масъулиятамро дучанд намуд.

### Раиси бемаош

– Шумо ҳафт сол ба ҳайси раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ фаъолият кардед. Оё бароятон иҷрои ду кор мушкилӣ эҷод наменамуд? – пурсидам аз ҳамсуҳбатам.

– Хеле мушкил буду тоқатфарсо! Масъулияте, ки дар ивазаш маош мегиред, ба назари ман нисбат ба вазифае осонтар аст, ки бидуни маош кор мекунед. Бо вуҷуди он ки ҳаққулзаҳмат намегиред, шуморо вақту новақт ба маҷлису маҳфилҳо даъват мекунанд, мехоҳанд, ки ба ҳамон чорабиниҳо боз духтарони хушлибос ва овозхонҳои тоҷикро низ бо худ оварӣ, – мегӯяд ҳамсӯҳбатам.

Тавре ки вай ёдовар шуд, бо дархости як гурӯҳ падару модарон ба ноҳияҳои Шаҳрисабз, Китоб ва Деҳқонободи вилояти Қашқадарё, ноҳияҳои Бойсун, Сариосиё ва Деҳнави вилояти Сурхондарё сафар намудааст. Гуфта шуд, ки бо тақозои баъзе дастандаркорони шуъбаҳои таълими халқи ин ноҳияҳо дар чанд мактаби тоҷикӣ забони таълим ба ӯзбекӣ тағйир дода шудааст.

– Ба деҳаҳои Сарichaшма, Ғелон низ рафтам, ки аҳолиаш саросар тоҷикон мебошанд. Ба масъулини идораҳои марбута фаҳмондам, ки фарзандони ин деҳот шири модари тоҷикро хӯрдаанд ва аллаҳои ӯро шунида бузург шудаанд. Чаро бояд ба забони дигар таҳсил кунанд? Машварат шуд, ки беҳтараш дар ин мактабҳо таълими забони давлатиро беҳтар ба роҳ монанд, он гоҳ ҳеҷ мушкилоте дар ҷараёни таҳсили фарзандони ин мардум арзи вуҷуд нахоҳад кард, – мегӯяд ҳамсуҳбатам.

Шарофат баъди бозгашт аз ин сафар бо нахуствазир сӯҳбат карда масъалаи барҳамхӯрии мактабҳои тоҷикиро дар як қатор минтақаҳои кишвар кундаланг гузоштааст. Сарвазир ба вазорати таълим дастур додааст, ки пеши ин раванд гирифта шавад ва фарзандони мардуми тоҷик ба забони модарии худ таҳсилро идома диҳанд.

– Ана ҳамин кор рух доду чанд мактаби тоҷикӣ дар ин ду вилоят барқарору пойдор монданд, – гуфт ӯ.

### Пою қадами нек

– Медонед, баъди он ки Шавкат Мирзиёев ба сари давлат омад, вазъият куллан тағйир ёфт. Дар айни ҳол ба сафорати Тоҷикистон дар Тошканд рафтану бо кормандони он вориди мулоқот шудан ба як кори осону сода табдил ёфтааст. Қаблан ин гуна мулоқоту муошират метавонист оқибатҳои ногуворро ба сари одам оварад, – изҳор кард Шарофат. – Равуо ба Тоҷикистон низ мисли он аст, ки аз як вилоят ба вилояти дигар, ё аз як шаҳр ба шаҳри дигар меравию меоӣ. Барои ҳамин мардуми ду кишвар дар ҳақи Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон дуоҳои нек мекунанд, зеро маҳз бо ташаббусу шарофати онҳо ҳамаи яххо об шуданду сардии муносибатҳои миёни ду халқи дӯсту бородар аз байн бардошта шуд.

### Дарахт дар як ҷо месабзад

– Барои беҳбуди барномаи “Рангинкамон” чӣ корҳоро мебояд иҷро кард? – пурсидам дар ҷараёни суҳбат аз Шарофатбону.

– Агар ин барнома ҳафтае як маротиба ва дар як вақти муайян пахш гардад, нур болои нур хоҳад буд. Зеро зуд-зуд вақту соати онро тағйир медиҳанд. Ҳарчанд сафарҳои хидматӣ барои корманди телевизион як шарти ногузир мебошад, ҳанӯз дар ин самт мо аз шароити мусоид баҳра бурда наметавонем. Хосатан, беҳбуди шароити молӣ ва коғазбозиҳои зиёд сарфи назар мехоҳад, то ки мо бидуни мушкилот ба шаҳру вилоятҳои гуногуни тоҷикнишин рафта, бо одамон суҳбат анҷом диҳем, мазмуни барномаҳоямонро ғанитар гардонем, барномаи тоҷикӣ марбути шуъбаи барномаҳои таҳлилии ахбор ва маърифатӣ мебошад. Ин дар ҳолест, ки “Рангинкамон” бояд ба шуъбаи “Дӯстӣ” мутааллиқ бошад, он гоҳ мундариҷа ва муҳтавои ин барнома ба номаш мувофиқат хоҳад кард. Инчунин, дар ояндаи наздик таъмини “Рангинкамон” бо кадрҳои лаёқатнок бояд ҳаллу фасл гардад.

Дар айни ҳол барои таҳияи барномаҳои “Рангинкамон” аз вилоятҳои Фарғона, Самарқанд, Бухоро ва Сирдарё мухбирон бо ман аз наздик ҳамкорӣ мекунанд. Дар барномаи “Рангинкамон” маводи фиристодаи онҳо пешкаш мегардад.

– Аммо агар имкон фароҳам оварда шавад, ки аз ҳаёти ӯзбекони Тоҷикистон баъзан барномаҳои ҷолиб таҳия намоем, доираи бинандагони “Рангинкамон” боз васеътар хоҳад шуд, – зикр намуд Шарофат Эрматова.

Вай соҳиби ду духтар мебошад. Чаросбону дар Донишгоҳи забон ва адабиёти ӯзбеки ба номи Алишери Навоӣ аз забони форсӣ дарс медиҳад. Наберагони Шарофатбону – Фараҳнозу Имронҷон фарзандони ҳамин духтари ӯянд. Парвина соҳаи дорушиносиро интихоб кардааст ва дар ин соҳа машғули фаъолият мебошад.

Дарвоқеъ, “дарахт дар як ҷо месабзад” гуфтани бузургон беҳуда нест. Шарофат тайи солҳои тӯлонӣ барои пурмуҳтаво ва сермазмун шудани барномаи “Рангинкамон”-и садову симои ҷумҳурӣ талош мекунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

# ПИРАЗАН

Хонаводае рӯзи истироҳатии худро дар соҳил мегузарониданд. Кӯдакон дар баҳр оббозӣ намуда, аз рег қалъачаҳо месохтанд. Баногоҳ, аз дур пиразани хурдҷуссае намоён шуд. Либосҳояш ифлосу дарида буданд ва мӯйҳои сафедашро бод парешон мекард. Ӯ худ ба худ зери лаб чизе гуфта аз рӯйи регзор ҷисмҳоеро мебардошт ва дохили бархалтааш мегузошт. Волидайн кӯдаконро ба назди худ хоста, таъкид кардаанд, ки аз ин пиразан дуртар бозӣ кунанд.

Вақте ки вай аз канори онҳо мегузашт, хам шуда чизеро аз замин бардошт ва ба сӯйи ин хонавода табассуме кард, вале ҳеҷ кас ба дуруди ӯ эътибор надод.

Пас аз гузашти чанд ҳафта онҳо фаҳмиданд, ки ин пиразани хурдҷусса ба тоза кардани шишапораҳои соҳил, ба хотири он ки пойи кӯдаконро набуранд, тамоми ҳаёти худро сарф намудабудааст.

Таҳияи
**Далер АЗИЗОВ.**

Аз дафтари “Момои қиссагӯям”

## Нияти нек

– Ҳар ҷо ки равед, бояд аз шириниҳои дасторхон бо нияти нек, яъне дар ҳамин хонадон тӯй ва рӯзҳои хуб шавад, ба чунин рӯзҳо моро ҳам расонад гуфта, тановул кунед, – зуд-зуд таъкид мекард модарам. Дарҳақиқат, мардуми мо агар ба меҳмонӣ равад ё аз меҳмонӣ ояд, бо худ ширинӣ мегирад, дар бастаи сарупо, яъне ҷиҳози арӯсу домод низ ширинӣ ҳамроҳ мекунанд, ба зери пойи онҳо пояндоз партофта аз сару китфашон шириниҳо мерезанд, ки ин ҳама бесабаб нест.

Рӯзе лозим омад, ки бояд ба шабнишинии дӯстам, ки дар деҳа бояд баргузор мешуд, равам. Вале поям намекашид: зиндагӣ, рӯзи корӣ, роҳи дур... Ҳамон шаб хоб дидаам. Дар хобам касе лаълии пур аз шириниҳоро сӯям дароз мекард. Шириниҳоро гирифтам. Субҳ бо табъи болида аз хоб хеста роҳи деҳаро пеш гирифтам. Фоли нек: аз дидори хоҳару бародарон, хешон, дӯстони айёми кӯдакӣ шод гаштам.

Ҳар дафъаи ба ҳавлии падарӣ қадам гузоштан аз он бӯйи нони гарми гандумии модарам ба машомам мезанад, гӯиё ӯ бо ду рӯйи сурх ба ман нон дароз мекунад...

Дар бозгашт, ҳамчун тӯшаи роҳ келини хона аз меваҳои боғи падар андохтанӣ мешавад. Ба ӯ мегӯям: “На, танҳо ду дона нони гарми танӯрӣ андозӣ, кифоя. Аз он бӯйи модарам меояд, симои падари меҳрубонам, ки як бурда нони гармро ба як коса оби хунуки ба тозагӣ аз чашма овардашуда тар карда мехӯрд, пеши чашмам намоён мегардад...”

Бегоҳ дар сари дасторхон бастаамро боз кардам. Дар он шириниҳои тӯй ва ду нони гандумии келини хона буд. Ба фарзандон ва наберагон гуфтам: «Бо нияти нек аз ин шириниҳо бичашед» ва даст ба дуо бардоштам: «Худоё, ҳамаи моро ба тӯй ва рӯзҳои хурсандӣ бирасон».

## Ҳамдеҳагони ман

Деҳаи ман дар даруни кӯҳсор, кӯҳсори пур аз сангу шах, ки гумон мекунед ҳозир сангҳо канда шуда ба саратон мерезанд, ҷойгир аст. Хонаю ҳавлиҳо дар ду тараф, дар канори боғу дарахтон рӯди пуроб ҷорист. Доир ба ҳаёт ва меҳнати сангини ҳар як марду зани деҳаам силсилаҳикояҳо нависам, кам аст.

Солҳои бачагии ман боми хонаҳо паст, лоин, дарвозаҳо чӯбин, роҳҳо пур аз регу санг, нақлиёт хару асп буд. Ҳавлии падарам аз се-чор ҳуҷрачаҳои хурд иборат буд. Даҳ нафар хоҳару додарон пасу пеш ба воя расидем. Ҳоло фикр мекунам, меҳру оқибат, муҳаббати бепоён ба якдигар аз ҳамон хоначаҳои хурд оғоз ёфта будааст...

Рӯзе дугонаи шаҳриамро ба деҳа бурдам. Ба меҳмоннавозӣ, дасторхондории ҳамдеҳагонам ҳавас кард дугонаам.

– Ба бисёр деҳа сафар карда, дар тӯю маъракаҳояшон иштирок кардаам. Гувоҳи он шудам, ки дар баъзе маҳаллаҳо ҷавонони сабукандеш худро пулдор ҳисобида, аз сари соҳибтӯй ва ё санъаткор пул мерезанд ва бачаҳо бо ҳаёҳу, якдигарро тела дода пул мечинанд. Дар деҳаи шумо ин манзараро надидам. Бачаҳоятон тарбиятдида, зирак, боодоб, чашмашон сер, – раҳораҳ гуфт ҳамсафарам.

## Агар дар деҳа таъзия шавад...

Дар ёдам, бача будем. Рӯзе дар деҳаамон таъзия шуд. Очаи бобои Раҳматулло – момои Сокина аз олам гузашта буд. Момоям гуфт: “Паси дарвоза бароед. Аз момо “шавгин” (барокат) гиред, то мисли ӯ умри дароз бинед”. Бо хоҳару додарон паси дарвоза баромада интизори тобути момо шудем. Издиҳоми мардум тобутро бо навбат рӯйи даст бардошта меомаданд. Пеш-пеши тобут бобои Раҳматулло қадам мезад. Ӯ ба дасти ҳар яки мо чанд тангагӣ дод...

Шавҳари ҷавони хоҳарам ногаҳон аз олам гузашт. Садои навҳаю фиғони хоҳараму кӯдакони ноболиғаш ҳоло ҳам дар таги гӯшам. Хешу ақрабои дур дар хонааш се-чор рӯз монданд. Ҳамсояҳо оилаи хоҳарамро дар ин рӯзи сахт танҳо нагузоштанд. Дар як тараф куҳансолон, дар дигар тараф занон, ҷавонону бачаҳо се рӯз ба як по истода хидмат карданд. Ҳатто ба гову гӯсола, бузу гӯсфанд, мурғони дар катак буда ҳамсояҳо нигоҳубин карданд.

Одат ин аст, ки дар хонаи азодор се рӯз хӯрок намепазанд. Се рӯз ҳамсоязанҳо яке шӯрбо, дигаре оши палав, сеюмӣ қатламаю нони гарм меоварданд. Ба дарди мотамдорон шарик мешуданд, аз чашмони онҳо низ сели ашк равон мешуд. Ҳамсояи девордармиён пиёлаи чойи гармро ба хоҳарам дароз карда мегуфт:

– Хоҳарҷон, ба ғамат шарик ҳастам, кори Худо, Камолҷонро Худо ба раҳматаш гирифта бошад. Як пиёла чой нӯш, ягон чиз хӯр, ҷуволи холӣ рост намеистад, дирӯз боз ҳеҷ чиз нахӯрдаӣ. Худатро маҳкам дор, Худо сабр диҳад. Акнун ту бояд ҳам оча ва ҳам додо шуда, кӯдаконатро парасторӣ намоӣ.

Шукри беҳад, ки чунин шахсони меҳрубону дурандеш ҳастанду ба дарди ғамзадагон марҳам мешаванд. Бар замми ин гӯрков, шустану пок намудани майит ҳам аз худи маҳалла.

— Тӯю азо як навъ ба ҳашари маҳалла табдил ёфтааст. Арзишҳои миллии моро фарзандонамон бояд омӯзанд, идома диҳанд, – мегӯяд яке аз куҳансолони деҳа.

Куҳансоли деҳа дуруст мегуфт. Мо бояд беҳтарин урфу одат ва арзишҳои миллиамонро дар мисоли тӯю маъракаҳо ба насли ҷавон интиқол диҳем. Дар байни имрӯз ва фардои силсилаи ҳаёт ҳалқаи пайванд шавем.

**Саодат РӮЗИЕВА.**

Ҳайати таҳрири «Овози тоҷик» нисбати вафоти дӯсти рӯзнома, Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон

**Эркин САИДОВ**

сахт андӯҳгин буда, ба хонавода ва пайвандони марҳум таъзия баён менамояд.

*Оксана Чусовитина ҳамчун варзишгари афсонавӣ ва фахри гимнастикаи Ӯзбекистон дар таърихи варзиши ҷаҳон ягона гимнастикачиест, ки 8 бор дар Бозиҳои олимпиада иштирок кардааст.*

*Матонат ва қувваи ҷисмонии ин зани шуҷоъ боиси таҳсин мебошад. Соли 2016 Оксанаро барои иштироки ҳафтуминаш дар бозиҳои олимпӣ ба китоби рекордҳои Гиннес дохил кардаанд.*

*О. Чусовитина дар 46-солагӣ баъди саракунии баромадҳои бисёрҳарба дар Токио қуллаи баланди варзишро фатҳ намуд. Он рӯз ӯ тавассути камера ба мухлисону наздиконаш, мураббиёну варзишгарони дигар ҷамоаҳо, ки бо кафкӯбиҳои бардавом ӯро дастгирӣ менамуданд, миннатдории худро бо имову ишора баён намуд. Оксана ҷамоаи худро ба оғӯш гирифта, бо ашки шодӣ майдонро тарк намуд. Ин лаҳза барои ҳар як мухлиси варзиш ҳаяҷонбахшу пуртаъсир буд.*



Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 5748, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.